## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи аспиранти ғоибонаи кафедраи беморихои дарунии №1-и МДТ ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино Хайриддин Ҳоҷӣ Рамазон дар мавзӯи: «Арзёбии клиникӣ-эндоскопӣ ва басомади хеликобактерҳои пилори дар беморихои меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта дар аҳолии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.01.04-беморихои дарунӣ**

Аҳамияти калони иҷтимоии решмарази меъда ва рӯдаи 12-ангушта, паҳншавии густурда ва пайваста афзоиш ёфтани онро дар манотиқи Осиёи Миёна, махсусан дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон боиси паст шудани сифати ҳаёт ва саломатии аҳолӣ мегардад. Пас, масъалаи ташхиси муосир, манзараи клиникӣ-эндоскопӣ ва вижагиҳои шаклҳои хеликобактер вобастаи бемории қисми болоии роҳи ҳозима, ҷустуҷӯйи усулҳои самараноки табобат ва профилактикаи он омӯзиши минбаъда ва профилактикаи ин проблемаро тақозо мекунад. Ҳамаи ин актуалӣ будани мавзӯи интихобшудаи диссертатсияро таъмин мекунад.

Дар асоси таҳқиқотҳои клиникӣ, эндоскопӣ ва бактериологии миқдори зиёди беморон муаллиф бори нахуст вижагиҳои симптоматологияи клиники бемориро муқаррар кард. Аломатҳои эндоскопии осебҳои решӣ, басомади хеликобактер шакли муштараки решмарази меъда ва рӯдаи 12-ангушта дар аҳолии маҳаллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон пешниҳод гардид. Симптоматологияи махсуси классикӣ, шаклҳои решмарази меъда ва рӯдаи 12-ангушта, ки синдромҳои возеҳи дард ва басомади ихтилолҳои диспептикӣ нишон дода шуд. Маълумотҳои нав ба даст овардашуда муҳокимаҳои ташхиси бемориро дар хусуси вазнинии ҷараёни беморӣ беҳтар месозанд, маълумотҳои мавҷудаи адабиёти илмиро дар хусуси вижагиҳои решмараз дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро пурра месозанд.

Натиҷаҳои ба даст овардашудаи таҳқиқоти комплексии муаллиф имконият медиҳанд, ки ташхиси муфассали беморӣ аз нуқтаи назари тибби

муосир шарҳ дода шавад ва пешгӯйӣ ва дуруст интихоб намудани стратегияи табобат арзёбӣ гардад. Муаллиф самаранокии олии хатти авали табобати эррадикатсиониро ҳангоми табобати решмараз ва махсусан ҳангоми осебҳои реши «тоқа» ва «бисёр»-ро бахусус дар ҷавонон, синну соли қобилияти корӣ нишон додаст.

Хулоса, гуфтанӣ ҳастам, ки диссертатсияи Хайриддин Ҳоҷӣ Рамазон дар мавзӯи: «Арзёбии клиникӣ-эндоскопӣ ва басомади хеликобактерҳои пилори дар бемориҳои меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта дар аҳолии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон», аз лиҳози навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти амалӣ ва назарӣ, ҳаҷми таҳқиқотҳои анҷомдодашуда, усулҳои таҳқиқот ба талаботи «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯроҳои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ ва барои диссертатсияҳои номзадӣ пешбинӣ шудааст, пурра ҷавобгӯ ва муаллифи он барои сазовор гаштан ба унвони илмӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.04 – бемориҳои дарунӣ арзанда мебошад.

**Мудири шуъбаи эндоскопии**
**МД Маркази миллии тиббии**
**«Шифобахш», н.и.т.** **А.И. Абдураҳмонов**

**Итилоот барои тамос:** Муассисаи давлатии Маркази миллии тиббии «Шифобахш».
**Сӯроғаи муассиса:** 734026, ш. Душанбе, х. И.Сомонӣ, 59.
**Тел/факс:** +992(37)2365851.